ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.02.2023, № 26

Барои сазовор донистани Холов Аълохуҷа Сайнозимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи «Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 17-уми ноябри соли 2022, суратмаҷлиси № 18 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Холов Аълохуҷа Сайнозимович 21-уми декабри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2013 факултети филологияи Шарқи Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифаро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти араб ва соли 2015 шуъбаи магистратураи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филологияи тоҷик хатм кардааст.

Соли 2015-2018 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба пажӯҳиши илмӣ машғул шудааст.

Аз соли 2021 то ба ҳол ба ҳайси мудири кафедраи забон ва адабиёти араби Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Мардонӣ Тоҷиддин Нуриддин.

Муқарризони расмӣ: Восиева Рухшона Қурбоновна, доктори илми филология, профессор, ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Додихудоев Рачабалӣ Муҳаммадиевич, номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсия такризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**» дар такризи мусбати худ, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа – номзади илми филология,

дотсент, мудири кафедраи филологияи араб Анварова М.Н., эксперт – номзади илми филология, дотсенти кафедраи мазкур Ҳомидиён Ҳ.К., котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, дотсент Салимова Н.А. пешниҳод шудааст ва бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Усмонзода А.И. тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи «Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

І. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Холов, А. Таъсири шоири араб Фараздақ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/7 (217). – С. 231-238.

[2-М]. Холов, А. Таъсири баъзе масъалаҳои забон ва адабиёти араб ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/1. – С. 169-175.

[3-М]. Холов, А. Саидуддин ал-Фарғонӣ – аввалин шореҳи қасидаи «Тоияи кубро»-и Ибн ал-Фориз / А. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4/5. – С. 169-175.

[4-М]. Холов, А. Таҳлили қиёсии қасидаи «Тоия»-и Ибн ал-Фориз ва тарҷумаи «Тоия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021. – № 2. – С. 132-144.

[5-М]. Холов, А. Таъсири ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2022. – № 1. – С. 131-137.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Холов, А. Мақоми Абдурраҳмони Ҷомӣ дар фарҳангу адабиёти арабӣ / А. Холов // Паёми Донишкада / Махзани илм. Маводи Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Инсон. Ҷамъият. Табиат. Илм», 30 апрели соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент. – Панҷакент, 2019. – № 1/2. – С. 540-545.

[7-М]. Холов, А. Тарҷумаи арабии маснавии «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // «Межлитературные связи и взаимопроникновение культур» (Материалы Международной научно-практической конференции, часть-2. Гуманитарный предметы), 2019 года. Термезский государственный университет. – Термез, 2019. – С. 146-148.

[8-М]. Холов, А. Андешаҳои муштараки Ибн ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Паёми Донишкада / Махзани илм (Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии «Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гумнитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир», 6-10 июли соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент). – Панҷакент, 2019. – № 2. – С. 465-469.

[9-М]. Холов, А. Зикри Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар қомусу донишномаҳои арабӣ / А. Холов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба «Рӯзи илми тоҷик». – Душанбе, 2020. – С. 96-99.

[10-М]. Холов, А. Нусхаҳои хаттии осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар кишварҳои шарқи араб / А. Холов // Анвори дониш. Маҷмуаи илмӣ (№2). – Душанбе, 2021. – С. 237-244.

[11-М]. Холов, А. Майи ирфонӣ аз нигоҳи Ибн ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ / А. Холов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир». – Душанбе, 2021. – С. 205-211.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Дар тақризи доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон **Саидҷаъфаров Озод** дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

1. Ба назари мо, дараҷаи омӯзиши мавзуъ дар қисмати муқаддима тул кашидааст, агар он кутоҳтар ва аҳаммияти мавзуъ зиёдтар нишон дода мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

2. Дар иртибот бо шуруҳоти мутафовити девони ашъори Ибн ал-Фориз мо чунин мепиндорем, ки агар онҳо аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлилу баррасии муфассалтар қарор мегирифтанд ва, бар илова, мақоми шарҳҳои Мавлоно Ҷомӣ миёни онҳо нишон дода мешуд, арзиши илмии рисола бештар мегардид.

3. Ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 4, 18, 22) дар баъзе саҳифаҳои автореферат мушоҳида гардиданд, ки агарчи муставҷиби ихлоли ҷиддӣ нахоҳанд шуд, ислоҳи онҳо хубтар ва амри зарурат аст.

2. Тақризи номзади илми филология, мудири шуъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Шарифов Маҳмадёр** мусбат буда, дар он эродҳои зерин манзур шудаанд:

1.Таҳқиқ аз рӯйи нусхаҳои хаттӣ арзиши корро дучанд месозад, бинобар ин, ба ин ҷанба таваҷҷуҳи бештар доштан ҳусни рисоларо меафзояд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасанд, ки хуб буд, бо ишорае иктифо карда шавад.

3. Бо вуҷуди он ки имлои охирини забони тоҷикӣ дар автореферати диссертатсия ба таври зарурӣ риоя гаштааст, вале баъзан ғалатҳои имлоӣ (саҳифаҳои 3, 4, 19, 22) ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо боиси зинати кор хоҳад шуд.

3. Тақризи номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода **Турсунов Ғолиб** низ мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Фасли сеюми боби дуюм қисман ба тарҷумаҳои арабии осори Абдурраҳмони Ҷомӣ ихтисос дошта, хуб мешуд, ин мавзуъ васеътар таҳлилу баррасӣ мегашт.

2. Баъзе тарҷумаҳои абёти арабӣ гоҳо ба таҳрир ниёз доранд (масалан, саҳ. 15, 18).

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- унвонҷӯ Холов Аълохуҷа Сайнозимович тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодӣ, таҳлилу таҳқиқи ашъори Ибн ал-Фориз, баён сохтани алоқамандии Абдурраҳмони Ҷомӣ бо адабиёти араб ва таъсирпазирии ӯ аз ашъори Ибн ал-Фориз пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси сарчашмаҳои муътабари манзуму мансур, аз ҷумла китоби «Девони Ибн ал-Фориз», девонҳои сегонаи Ҷомӣ, маснавии «Ҳафт авранг», «Нафаҳот-ул-унс», «Шарҳи «Тоияи форизия», тарҷумаи «Тоия», «Ад-дуррат-ул-фохира», «Ашиъъат-ул-ламаот»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, нусхаҳои хаттӣ ва чопии ашъори Ибн ал-Фориз ва Ҷомӣ, ки дар Тоҷикистон ва берун аз марзи он китобат шуда ё ба нашр расидаанд, сурат гирифта, эҷодиёти шоирон дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шудааст.**
- зиндагинома, фаъолияти эҷодӣ, мақоми илмию ирфонии Ибн ал-Фориз **баррасӣ гардида,** теъдод, мавзуъ ва мундариҷаи қасоид, мухтассот ва дараҷаи корбурди анвои шеърӣ дар фаъолияти эҷодии шоир **коркард ва муайян карда шудаанд**;

– дараҷаи таъсирпазирии Ҷомӣ аз мазмуну мухтаво ва сохтори ашъори шоирони араб **таҳлил гардида**, дар заминаи нусхаҳои хаттӣ ва тарҷумаҳои арабии осори шоир шуҳрати ӯ миёни доираҳои адабии арабӣ **муайян карда шудааст**;
– мавқеи аввалиндараҷа доштани қасида дар девони Ибн ал-Фориз ва таваҷҷуҳи шореҳон ба қасидаҳои «Тоияи кубро» ва «Хамрия»-и шоир **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**;
– таъсири мундариҷаву дарунмояҳои қасидаҳои «Тоияи кубро» ва Хамрия»-и Ибн ал-Фориз дар осори назмиву насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ **баррасӣ ва таҳқиқ гардидааст**;
– таъсири мавзуии ашъори Ибн ал-Фориз ба қасидаву ғазалиёт ва маснавию рубоиёти Ҷомӣ **муайян ва таҳлил гардидаанд.**

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, баҳси таърихи адабиёти асрҳои XIII ва XV, махсусан омӯзиши таъсири мутақобилаи адабиёти арабу форсу тоҷик, таъсири шуарои алоҳидаи араб ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, шуҳрати Абдурраҳмони Ҷомӣ дар адабиёти араб, шахсияти Ибн ал-Фориз, сабку хусусиёти бадеии ашъор ва таъсири мавзуоти ӯ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва амсоли инҳо мусоидат намуда, ба муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони эҷоди бадеӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии донишмандону коршиносони маъруфи ватанию бурунмарзӣ, аз ҷумла М. Ҳилмӣ, М. Ғ. Ҳилол, Т. Надо, А. Ҳикмат, А. Зарринкӯб, С. Нафисӣ, З. Сафо, С. Хуршо, Ҳ. Разӣ, Э. Браун, А. Арберри, Р. Николсон, Ян Рипка, А. Шиммел, В.М. Жирмунский, Е.Э. Бертелс, И.Ю. Крачковский, И.М. Филштинский, Б.Я. Шидфар, И.С. Брагинский, А.Е. Кримский, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, А. Насриддинов, А. Абдуллоев, Т. Мардонӣ, А. Абдусаттор, Н. Зоҳидӣ, У. Ғаффорова, А. Сатторзода, Б. Мақсудов, М. Низомӣ ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ корбурд гардидаанд.

Дар диссертатсия тарзу усул ва шеваву равишҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, омӯзиши типологии жанрҳо, сохтори жанрии адабиётшиносӣ ва методи таҳлили системавию муназзам истифода шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи эҷоди бадеӣ ва бозтоби мазмунҳои ахлоқӣ ва ирфонӣ дар шеър, навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи китобҳо перомуни масъалаҳои умдаи адабиёти классикии араб ва форсу тоҷик, таъсири мутақобилаи адабии Арабу Аҷам, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои

филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Саҳми фардии муаллиф дар ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва нақди маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Ибн ал-Фориз ва таъсири ашъори ӯ ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ бармало маълум мегардад.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи теъдод ва мундариҷаи ашъори Ибн ал-Фориз, муайян сохтани дараҷаи таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз эҷодиёти шоири араб, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 02 феврали соли 2023 дар бораи сазовор донистани Холов Аълохуҷа Сайнозимович ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 6 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ
02.02.2023